«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶДММ ТСА «Спитамен Суғурта»
________ Раҳмонов Б.Р.
аз «02» 08 2021 сол, №39/21

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББӢ

Душанбе - 2021

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Қоидаи мазкури суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаҳои суғурта» номида мешаванд) тибқи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, муносибати байни суғуртакунанда ва суғурташавандаро аз рӯи шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба танзим медарорад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

– ташкилоти суғуртавӣ – ҶДММ ТСА «Спитамен Суғурта», ки фаъолияти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакуниро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– фоидагиранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртав ва полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– хавфи суғуртавӣ – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– тарифи суғуртавӣ - арзиши воҳиди рӯйпушкунии суғуртавӣ;

– ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида, пардохт менамояд;

– мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқаррargардида, пардохт намояд;

– маблағи суғуртавӣ - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

– ҳодисаи суғуртавӣ - воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– шартномаи суғурта - шартномае, ки тибқи он суғурташаванда ухдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст, ки ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– полиси суғуртавӣ - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор

Бонки миллии Тоҷикистон
Идораи назорати суғуртавӣ
National Bank of Tajikistan
Insurance Supervision Management

гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– франшиза ин тибқи шартҳои суғуртакунӣ озод гардидани суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ аз қисми муайяни зарари ба суғурташаванда расида, ки бо суғурташаванда мувофиқа гардидааст, фаҳмида мешавад.

– барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (Барнома) – ин номгӯи хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи шартномаи суғурта, ки аз ҷониби суғуртакунанда бо ишора намудани маблағи умумии суғуртавӣ ва / ё маблағҳои ҷудогона аз рӯи ҳар як намуди кӯмак, инчунин муассисаҳои тиббӣ, ки дар он суғурташаванда (суғурташуда) метавонад кӯмак гирад, мебошад;

– муассисаи тиббӣ – шахси ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилӣ ҳуқуқӣ, инчунин шахсе ки бо фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ машғул аст ва ҳуқуқи амалӣ намудани хизматрасониҳои тиббие, ки дар Қоидаҳои мазкур номбар шудаанд, дорад;

– муассисаи тиббии амбулаторӣ-муолиҷавӣ (муассисаи амбулаторӣ-муолиҷавӣ) – дилхоҳ муассисаи тиббӣ, ки дар он дилхоҳ хизматрасониҳои тиббӣ асосан ба суғурташуда бидуни ҷойгиркунии шабонарузии вай дар ин муассисаи тиббӣ, амалӣ карда мешавад;

– муассисаи тиббии статсионарӣ (муассисаи статсионарӣ ва ё статсионар) – дилхоҳ муассисаи тиббӣ, ки дар он хизматрасонии тиббӣ ва ё дигар намуди хизматрасониҳо асосан ба суғурташуда бо ҷойгиркунии он дар худи муассиса, пешниҳод карда мешавад;

– хизматрасониҳои тиббӣ – маҷмӯи чорабиниҳое, ки хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ, таъминоти доруворӣ, таъминот бо маснуоти таъиноти тиббӣ доштаро дар бар мегиранд ва ба қонеъ намудани талаботҳои суғурташуда барои дастгирӣ ва барқарор намудани саломатии он равона карда шудаанд;

– таъминоти доруворӣ – аз ҷониби суғуртакунанда пардохт гардидани арзиши табобати медикоментозӣ, яъне пардохти воситаҳои доруворӣ (ва ҳангоми зарурат дастрас намудани онҳо), ки ба Барнома ворид гардидаанд ва аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи амбулаторӣи-поликлиникавӣ ва ё аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи статсионарии тиббӣ, таъин гардидаанд;

– таъминот бо маводи таъиноти тиббидошта – аз ҷониби суғуртакунанда пардохт гардидани арзиши маводи протезӣ-ортопедӣ, айнакҳо, таҷҳизоти шунавоӣ, линзаҳои васлӣ, имплантантҳо ва дигар маводҳо (ва ҳангоми зарурат дастрас намудани онҳо), ки ба Барнома ворид гардиданд ва аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи амбулаторӣ поликлиникӣ ва ё духтури муолиҷавии муассисаи тиббии статсионарӣ таъин гардидаанд;

– дигар хизматрасониҳо, ҳамчун қисми хизматрасониҳои тиббӣ (дигар хизматрасониҳо) – ин хизматрасониҳое, ки бо расонидан ва ё ташкили хизматрасониҳои тиббие, ки ба Барнома ворид гардидаанд, алоқаманд, аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИНSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷумла: хизматрасониҳои иловагӣ, (палатаҳои шароити беҳтардошта, ки хӯроки иловагӣ, алоқа, телевизор, компютер, яхдон, кондитсионер, душ ва ғайраро дар бар мегиранд); хӯрока ва зист (будубош) ҳангоми табобати статсионарӣ, санаторӣ-курортӣ, агар он ба арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ворид набошад (арзиши кати-рӯз); аз ҷониби муассисаи тиббӣ ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои гуногун; хизматрасониҳо оид ба ташкили хизматрасониҳои тиббӣ дар дигар муассисаҳои тиббӣ; хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки бо расонидан ва ё ташкили хизматрасониҳои тиббӣ алоқаманданд;

– ширкати ваколатдори ёридиҳанда (ширкати ёридиҳанда - ассистенс) – ширкат (ташкилот), ки дар шартномаи суғурта ишора гашта, аз рӯи дастури суғуртакунанада шабонарӯзӣ ташкили хизматрасониро таъмин менамояд, ки онҳо дар шартномаи хизматрасонӣ ва /ё Барнома пешбинӣ шудаанд;

– макони зисти доимӣ (макони зисти доимӣ ва ё махсус) – бинои истиқоматӣ, манзил, бинои хизматии истиқоматӣ, хонаҳои махсусгардонидашуда, инчунин дигар бинои истиқоматӣ, ки дар он суғурташаванда (шахси суғурташуда) ба таври доимӣ ва ё аксаран ба сифати соҳибмулк, аз рӯи шартномаи иҷора ва ё дигар асосҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, зиндагӣ мекунад;

– **“АНТИ КОВИД”** маҳсулоти нави суғуртавӣ, ки дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиерии тиббӣ таҳия гардида, дорои бастаҳои муайяни суғуртакунӣ (бо андозаи муқаррарии мукофот ва маблағи суғуртавӣ) буда, шартҳои суғуртакунии он тибқи Замимаи № 3 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ оид ба моли нави “Анти ковид” (офертаи оммавӣ) ба танзим даровaрда мешавад.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Тибқи Қоида субъектҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ин суғуртакунанда, суғурташаванда, фоиданиранда ва муассисаи тиббӣ мебошанд.

3.2. Ба сифати суғуртакунанда ҶДММ ТСА «Спитамен Суғурта», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома дорад, баромад мекунад.

3.3. Суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

3.4. Фоидагиранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртав ва полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

3.5. Ҳангоми аз ҷониби суғурташаванда интихоб гардидани намуди моли муайяни суғуртавии - **“АНТИ КОВИД”** муносибати тарафҳо тибқи муқаррароти ин навъи маҳсулоти суғуртавӣ, амалӣ карда мешавад.

3.6. Муносибатҳои ҳуқуқе, ки бо шартномаи моли суғуртавии **“АНТИ КОВИД”** танзим нашудааст, бо муқарраротҳои Замимаи № 3 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ оид ба моли нави “Анти ковид” (офертаи оммавӣ)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТА
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим карда мешавад.

## 4. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

4.1. Объекти суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ин таваккали суғуртавӣ (ҳодисаҳои пешбининамудаи шартҳои суғуртавӣ), ки бо хароҷоти хизматрасонии тиббию санитарӣ ва таъминот бо доруворӣ ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд мебошад.

4.2. Объекти маҳсулоти нави суғуртавӣ **“АНТИ КОВИД”** ин манфиатҳои молу мулкии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифнабуда, ки бо ҳаёт, саломатӣ ва вафоти суғурташаванда (суғурташуда) дар натиҷаи гирифтор шудани онҳо ба беморидn вирусии **COVID-19** алоқаманд мебошанд, фаҳмида мешавад.

## 5. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ҳодисаи суғуртавӣ – ҳодисаи ногаҳон пайдошуда (вафот, беморӣ, латхӯрӣ, дигар ҳолатҳои бад гардидани саломатии шахси суғурташуда), ки дар натиҷаи он ба шахси суғурташуда пардохти суғуртавӣ тибқи шартҳои шартнома, Қоидаи мазкур, амалӣ карда мешавад.

5.2. Нисбат ба маҳсулоти нави суғуртавӣ **“АНТИ КОВИД”** ҳодисаҳои зерин дар ҳаёти суғурташаванда (суғурташуда) ҳамчун ҳодисаҳои суғуртавӣ эътироф карда мешаванд: а) марги суғурташаванда дар натиҷаи бемории сироятии COVID-19; б) ошкор шудани бемории сироятии COVID-19 дар суғурташаванда (суғурташуда).

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Барномаҳое, ки хизматрасониҳои амбулаториро пешбинӣ менамоянд, метавонанд хизматрасониҳои ҷудогона ва ё тамоми намудҳои хизматрасониҳои тиббиро дар бар гиранд: профилактикӣ, ташхисӣ-муолиҷавӣ, реабилитатсионӣ, (аз он ҷумла санаторӣ-курортӣ), протезӣ-ортопедӣ ва протези дандонӣ, ки ба худ хизматрасониҳои эҳтимолии амбулаторӣ-поликлиникии муассисаҳоро дар бар мегиранд, алалхусус: расонидани хизматҳои машваратӣ, аввалиндараҷа (то расидан ба назди табиб), тиббӣ-санитарӣ, дандонпизишкӣ, расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ҳам дар муассисаҳои амбулаторӣ-поликлиникӣ ва ҳам дар хона ва ё дигар макони будубоши суғурташуда, дар статсионарҳои рӯзона ва статсионарҳои муассисаҳои амбулаторӣ-поликлиникӣ (шуъбаҳо), расонидани хизматрасониҳои машваратии тиббии муассисаи статсионарӣ, расонидани хизматрасонии санаторӣ-курортӣ бидуни ҷойгиркунии шабонарӯзӣ, гузаронидани муmain айизаи ғайри қобили меҳнати муввақатӣ, табобати медикоментозӣ, аз ҷумла пардохт ва / ё дастрас намудан ба суғурташуда маснуоти таъиноти тиббидоштаи аз ҷониби табиб таъиншуда, расонидани хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ ба суғурташуда ҳангоми муроҷиати ӯ ба муассисаи тиббӣ ба назди духтури минтақавӣ ва ё оилавӣ (табиби таҷрибаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

умумидошта), ба табибони тахассуси гуногундошта ва кормандони миёнаи тиббӣ, назорати диспансерӣ ва пешгирикунанда / муоинаҳои давравии шахси суғурташуда ва ғайра.

6.2. Барномаҳое, ки расонидани хизматрасониҳои статсионариро пешбинӣ менамоянд (аз ҷумла дар шароитҳои статсионарии рӯзона), метавонанд хизматрасониҳои ҷудогона ва ё тамоми хизматрасониҳоро дар бар гиранд: профилактикӣ, табобатӣ-ташхисӣ, реабилитатсионӣ (аз он ҷумла санаторӣ-курортӣ), протезӣ-ортопедӣ ва дандонӣ-протезӣ, ки ба худ чунин хизматрасониҳоро дар бар мегиранд: расонидани хизматрасониҳои статсионарии тиббӣ, ҳам ба таври таъҷилӣ ва ҳам ба таври нақшавӣ, ки аз ҷониби табибони тахассуси гуногундошта ва кормандони миёнаи тиббӣ амалӣ мегарданд, будубоши суғурташуда дар палатаҳои бароҳатиашон гуногун, аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ пешниҳод гардидани хизматрасониҳое, ки бо табобати статсионарӣ алоқаманданд, будубоши суғурташуда дар шуъбаи патологияи ҳомиладорӣ, хӯрок ва нигоҳубини кормандони тиббӣ, воситаҳои доруворӣ ва дигар воситаҳои барои расонидани ёрии тиббӣ зарурӣ, гузаронидани мумайизаи ғайри қобили амали муваққатӣ, будубош дар статсионар бо кӯдаки яке аз волидон (хешони наздик ва ё васӣ), расонидани хизматрасонии тиббӣ ҳангоми бистарӣ гардидан бо мақсадҳои гузаронидани табобат ва реабилитатсияе, ки назорати шабонарӯзии тиббиро талаб намекунад, инчунин дар статсионарҳои (шуъбаҳо, палатаҳо) будубоши муассисаҳои тиббӣ. Барномаҳое, ки расонидани хизматрасониҳои статсионарии тиббиро пешбини менамоянд, метавонанд пардохт ва / ё дастрас намудани доруворихои аз ҷониби табибон ба суғурташуда таъингашта, пардохт ва / ё дастрас намудани маснуоти таъиноти тиббидоштаи аз ҷониби табибон таъингашта ба суғурташуда, ҳангоми дар статсионар набудани онҳо метавонад пешбинӣ намояд.

6.3. Суғуртакунанда хизматрасониҳои аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ба суғурташуда расонидаро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ аз рӯи ҳаҷми дар Барномае, ки қисми ҷудонопазирии шартномаи суғурта мебошад, ишора гардидааст, ташкил ва пардохт менамояд.

6.4. Шартномаи суғурта метавонад дар асоси якчанд Барномаҳо ба имзо расад, ки онҳо хизматрасониҳоро ва ҳаҷмҳои гуногуни тиббӣ дар бар мегиранд: статсионарӣ, амбулаторӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ, инчунин таъмини доруворӣ.

6.5. Барномаҳое, ки расонидани ёрии таъҷилии тиббиро пешбинӣ менамоянд, метавонанд, ба худ равоншавии дастаи ёрии таъҷилӣ, гузаронидани маҷмӯи ҳаракатҳои таъҷилии табобатӣ ва зарурати ташхиси босуръати ёрии тиббии таваллуд, инчунин ҳамлу нақли суғурташуда ба муассисаи амбулаторӣ-поликлиникӣ ва статсионарӣ ва ҳангоми зарурат барои бозгашти суғурташуда ба макони зистро, пешбинӣ намоянд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.6. Ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи суғурта, суғурткунанда ва суғурташаванда метавонанд оид ба ҳаҷми уҳдадориҳои суғурткунанда бо роҳи муайян намудани номгӯи бемориҳои (ҳолатҳои) аз ҷониби суғурткунанда пардохтшаванда, дорувориҳо, маснуоти таъиноти тиббӣ дошта, хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки ба Барнома ворид карда мешаванд ва онҳо намуд, ҳаҷм ва тартиби хизматрасониҳои ба суғурташуда пешниҳодшавандаро инъикос менамоянд, амалӣ намоянд.

6.7. Хавфҳои зерин, аз ҷумла а) марги суғурташаванда дар натиҷаи бемории сироятии COVID-19; б) ошкор шудани бемории сироятии COVID-19 дар суғурташаванда (суғурташуда) ҳавфҳои маҳсулоти нави суғуртавӣ **"АНТИ КОВИД"** эътироф карда мешаванд ва муносибатҳои ҳуқуқӣ нисбати онҳо тибқи муқарраротҳои Қоидаи мазкур ва Замимаи № 3 ба Қоидаи зикргардида, инчунин қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

6.8. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад, агар ҳодиса ҳодисаи суғуртавӣ набошад, аз он ҷумла агар он дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба миён омада бошад:

- дар натиҷаи зери таъсири маводи мухаддир ва ё заҳролудшавӣ маст гардидани шахси суғурташуда;
- дар натиҷаи гирифтани зарари ҷароҳатӣ ва ё дигар иллати ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи суғурташуда ба миён омадааст ва дар алоқаи бевоситаи сабабӣ бо ҳодисаи суғуртавӣ мебошад.
- дар алоқамандӣ бо қасди худкушӣ намудани шахси суғурташуда;
- дар алоқамандӣ бо барқасдона ба худ расонидани зарарҳои ҷисмонии суғурташуда.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ (ҳадди ниҳоии пардохтҳои суғуртавӣ) аз рӯи созишномаи тарафҳо барои ҳар як суғурташуда муқаррар карда мешавад ва метавонад ҳам барои тамоми Барнома ва ё аз рӯи ҳар як бемориӣ (ҳодиса), намудҳои ҷудогонаи хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо), аз ҷумла аз рӯи таъмин бо дорувориҳо ва ё маснуоти таъиноти тиббӣ дошта ва ё маҷмӯи гуногуни онҳо, барои ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ ва ё маҷмӯан дар доираи Барнома ва ё шартномаи суғуртавӣ, муқаррар карда шавад.

7.2. Дар ҳолати тағйир ёфтани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали шартномаи суғурта, суғурткунанда ҳуқуқ дорад ҳаҷми мукофоти суғуртавиро тағйир диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

7.3. Дар шартномаи суғурта метавонад чунин пешбинӣ шуда бошад, ки мукофоти суғуртавӣ бо пардохти яквақтина ва / ё муҳлатнок бо роҳи ҳисоби нақдӣ ва ё ғайринақдӣ, амалӣ гардад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушаххаси суғуртавӣ, муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба суғуртакунанда аз рӯи шартномаи суғуртавӣ пардохт гардад, суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф, муқаррар карда мешавад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ (МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ)

9.1. Ҳаққи суғуртавӣ аз рӯи созишномаи тарафҳо метавонад ҳам ба пули миллӣ ва ҳам ба асъори хориҷӣ муқаррар гардад. Ҳаққи суғуртавии бо асъори хориҷӣ муқарраргардида аз рӯи қурби асъори муқаррарнамуди Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт, пардохта мешавад, агар қурби дигари асъор аз ҷониби тарафҳо муайян нашуда бошад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Барои ба имзо расонидани шартномаи суғурта, суғурташаванда ба суғуртакунанда бо ариза оид ба имзо расонидани шартномаи суғурта муроҷиат менамояд. Дар аризаи суғуртавӣ бояд, ки чунин нишондодҳо ишора гарданд:

10.1.1. Ном, насаб, номи падар, санаи таваллуд, суроғаи пурраи макони зисти суғурташаванда, дигар маълумотҳо бо талаби суғуртакунанда. Маълумотҳо дар бораи шахси суғурташуда метавонанд ба намуди рӯйхати ба аризаи суғуртавӣ замимашаванда, ба расмият даровварда шаванд.

10.1.2. Номгӯй, суроғаи макони будубош, телефон, телефакс, маълумотҳои бонкии суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ.

10.1.3. Намуди эҳтимолии хизматрасонии тиббӣ, номгӯи хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо (Барномаҳо), маблағи суғуртавӣ ва номгӯи муассисаҳои тиббӣ.

10.1.4. Муҳлати ба имзорасии шартнома.

10.1.5. Дигар маълумоте, ки метавонад суғуртакунанда барои ҳалли масоили вобаста ба баста шудани шартнома дархост намояд.

10.2. Дар асоси маълумоти гирифта суғуртакунанда ҳаҷми мукофоти ҷоизи пардохтбударо муқаррар мекунад.

10.3. Шартномаи суғурта аз санаи дар он ишорашуда қувваи қонунӣ пайдо мекунад, агар дар шартномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.4. Шартномаи суғурта дар намуди ҳуҷҷати ягона, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст, баста мешавад. Тарафҳо метавонанд дигар воситаи бо қонун манъношударо барои бастани шартномаи суғурта истифода баранд. Созишнома оид ба даровардани тағйирот ва ё бекор намудан бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона ва ё табодули ҳуҷҷатҳо ба воситаи алоқаи почтавӣ, телеграфӣ, телетайпӣ, телефонӣ, телефаксӣ, электронӣ ва дигар намудҳои алоқа, амалӣ мегардад.

10.5. Баъди ба имзо расидани шартномаи суғурта, суғуртакунанда ба суғурташуда полиси суғуртавии тиббиро пешниҳод менамояд. Ба полис номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва ҳангоми зарурат дигар ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ, ки аз ҷониби тарафҳо мувофиқа шудааст, замима карда мешавад.

10.6. Ҳангоми аз ҷониби суғурташуда гум кардани ҳуҷҷатҳои дар Қоида ишорашуда ӯ бояд ба таври хаттӣ ба суғуртакунанда барои гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо муроҷиат намояд.

10.7. Шартномаи суғурта метавонад дар ҳар кадом муҳлати аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда ба имзо расад.

10.8. Шартномаи суғурта нисбати суғурташуда дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад:

10.8.1. Дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати амали шартномаи суғурта.

10.8.2. Дар ҳолати марги суғурташуда.

10.8.3. Бо талаби суғуртакунанда – дар ҳолати пардохт нагардидани мукофоти суғурта (ҳаққи суғурта) дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи суғурта, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қоида, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

10.8.4. Бо талаби суғурташаванда – дар муҳлати пешбининамудаи шартномаи суғурта.

10.8.5. Тибқи созиши тарафҳо.

10.8.6. Дар ҳолати аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам додани суғуртакунанада.

10.8.7. Дар ҳолати барҳам додани суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ, агар суғурташуда иҷрои уҳдадориҳои суғурташавандаро оид ба пардохти мукофоти суғуртавӣ қабул накарда бошад.

10.8.8. Аз ҷониби суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро гардидани уҳдадориҳои шартномавӣ.

10.8.9. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи суғурта ва / Барнома.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**11.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.1. Аз суғуртакунанада ташкили пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо ва ё танҳо пардохтро тибқи шартҳои шартномаи суғурта талаб намояд.

11.1.2. Дар муддати амали шартнома бо розигии суғуртакунанда ҳаҷми уҳдадориҳои охиринро аз рӯи Барномаи интихобнамудаи суғурташаванда кам ва ё зиёд кунад ва ё номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва / ё Барномаҳоро бо роҳи ба имзо расонидани созишномаи иловагӣ бо суғуртакунанда, амалӣ намояд.

11.1.3. Шартномаи суғуртаро пеш аз муҳлат қатъ намояд.

11.1.4. Шахси иловагиро бо розигии суғуртакунанда аз рӯи шартномаи амалкунандаи суғурта, суғурта намояд, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.2.1. Ба суғуртакунанда маълумотҳои зарурии ба суғурташуда алоқамандро пешниҳод намояд.

11.2.2. Мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавӣ) дар ҳаҷм ва муҳлатҳои муқарарнамудаи шартномаи суғурта, пардохт намояд.

11.2.3. Дар ҳолати зиёд гаштани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали шартномаи суғурта, бо талаби суғуртакунанда мукофоти суғуртаро иловатан супорад, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.2.4. Ба суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зарурии дар шартномаи суғурта ифодагаштаро интиқол диҳад ва ҳангоми гум шудани онҳо нусхаи онҳоро пешниҳод намояд, инчунин шартҳои шартномаи суғартаро шарҳ диҳад.

11.2.5. Оид ба тағйир ёфтани маълумотҳои бонкии худ, макони будубош, рақамҳои телефон ва телефакс, инчунин оид ба тағйир ёфтани насаб, ном, номи падари суғурташуда ва макони зисти ҳақиқии ӯ, фавран ба суғуртакунанда хабар диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.3. Суғурташуда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Аз суғуртакунанда ташкил ва расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо ва ё танҳо пардохти хизматрасонии онҳоро тибқи шартҳои шартномаи суғурта талаб намояд.

11.3.2. Аз суғуртакунанда ҷуброни хароҷоти худро барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ талаб намояд, агар дигар ҳолат бо шартҳои шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.3.3. Ба суғуртакунанда ба таври хаттӣ оид ба ҳолатҳои набудан, пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди бесифати хизматрасониҳои тиббӣ, хабар диҳад.

11.3.4. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ, нусхаи онҳоро гирад.

11.4. Суғурташуда уҳдадор аст:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.4.1. Тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои тиббиро, ки дар Барнома ва шартномаи тарафҳо пешбинӣ шудаанд, риоя намояд.

11.4.2. Дастурҳои табиб, инчунин санадҳои дохилии муқаррарнамудаи муассисаи тиббиро риоя ва иҷро намояд.

11.4.3. Полиси суғуртавӣ ва Барномаро ба шахси дигар бо ҳадафҳои аз ҷониби онҳо гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, интиқол надиҳад.

11.4.4. Оид ба тағйир ёфтани насаб, ном, номи падари худ ва ҷои зисти ҳақиқии худ фавран ба суғуртакунанда хабар диҳад.

11.4.5. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ фавран оид ба он ба таври хаттӣ ба суғуртакунанда барои гирифтани нусха муроҷиат намояд.

11.4.6. Сабабҳои рад кардани муроҷиат ба табиб ва даъвати ӯро ба хона пурра нишон диҳад.

11.4.7. Ҳаққи суғуртавиро пардохт намояд, агар чунин ҳолат дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.5. **Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:**

11.5.1. Маълумоти аз суғурташаванда ва ё суғурташуда (фоидагиранда) гирифтаро тафтиш намояд.

11.5.2. То қабул намудан барои суғурта гузаронидани тамоми ташхисоти тиббии иловагиии шахси барои суғурта қабулшаванда ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолати саломатии ӯро талаб намояд.

11.5.3. Шартномаи суғуртаро нисбати суғурташуда яктарафа қатъ намояд, агар ӯ уҳдадорҳои дар Қоида пешбинишударо иҷро накарда бошад ва чунин иҷро накардан ба хароҷоти иловагии суғуртакунанда оварда расонад ва ё метавонад оварда расонад.

11.5.4. Дар ҳолати саривақт пардохт накардани мукофоти суғуравӣ шартномаи суғуртаро бо суғурташаванда яктарафа бекор кунад ва ҷуброни зарари аз чунин амалҳои суғурташаванда расидаро талаб намояд.

11.6. **Суғуртакунанда уҳдадор аст:**

11.6.1. Хизматрасониҳои тиббие, ки дар шартномаи суғурта, Барнома пешбинӣ шудаанд барои суғурташуда ташкил намояд ва иҷро кунад ва ё танҳо пардохт намояд, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.6.2. Аз ҷониби суғурташуда гирифтани дорувориҳо ва маснуоти таъиноти тиббидоштаро, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, ташкил ва пардохт намояд, агар ин дар шартноима суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.6.3. Ҳаҷм, муҳлатҳо ва сифати хизматрасониҳои аз ҷониби ӯ ташкилгардидаро назорат намояд.

11.6.4. Ҷуброни суғуртавиро ба суғурташуда, ки барои хизматрасониҳои тиббӣ хароҷот намудааст, амалӣ гардонад, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад, инчунин арзиши доруворихо ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

маснуоти таъиноти тиббидоштаи харидоринамудаи суғурташударо, агар чунин тартиби пардохти суғуртавӣ дар шартномаи суғурта ва Барнома пешбинӣ шуда бошад, ҷуброн намояд.

11.6.5. Пардохти суғуртавӣ дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартномаи суғуртавӣ баъди гирифтан ва тафтиш намудани аризаи хатии суғурташуда, ҳисобҳои ҳақиқии пардохташуда бо ишораи муассисаи тиббӣ (дорухона ва ё дигар ташкилот), номгӯи муфассали хизматрасониҳои пешниҳодгардида (доруворихо, маснуоти таъиноти тиббидошта) ва арзиши онҳо.

11.6.6. Ба суғурташуда ҳуҷҷатҳои суғуртавие, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд, пешниҳод намояд ва ҳангоми гум шудани онҳо, нусхаи онро пешкаш намояд.

11.6.7. Дар ҳолати аз ҷониби муассиаси тиббӣ беасос даст кашидан аз пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ ба суғурташуда, ки чунин хизматрасониҳо тибқи шартномаи суғурта аз ҷониби суғуртакунанда ташкил карда мешаванд ва ё дар ҳолати пешниҳоди нопурра ва ё бесифати хизматрасониҳои тиббӣ аз ҷониби муассисаи тиббӣ, ба суғурташуда ба маблағи хизматрасонии пешниҳоднагашта (нопурра пешниҳодгашта ва ё бесифатона пешниҳодгашта) ҷарима супорад, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳолат пешбинӣ нашуда бошад.

11.7. Дар шартномаи суғурта метавонад дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои суғурташаванда, суғурташуда ва суғуртакунанда пешбинӣ гарданд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Барои гирифтани хизматрасониҳои дар Барнома пешбинишуда (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббидошта) суғурташуда ба муассисаи тиббӣ (ташкилоти фарматсевтӣ ва ё дигар ташкилот, ки доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббидошта савдо мекунанд) аз рӯи тартиби муқарарнамудаи Барнома / шартномаи суғурта муроҷиат мекунад. Ҳангоми зарурат ва аз рӯи тартиби пешбининамудаи Барнома / шартномаи суғурта то ба муроҷиат намудан ба муассисаи тиббӣ (ташкилоти фарматсевтӣ ва ё ташкилоти дигар) суғурташуда метавонад ба ширкати ассистентӣ, ки бо суғуртакунанда ҳамкорӣ менамояд ва ё ба филиали суғуртакунанда ва ё ба дигар шахсе, ки дар Барнома / шартномаи суғурта барои ташкили гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббидошта) муроҷиат намояд. Дар ин ҳолат пардохти суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғурта аз ҷониби суғуртакунанда ба намуди пардохти арзиши хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, инчунин доруворихо ва ё маснуоти таъиноти тиббидошта) бевосита (ва ё ба воситаи шахси боваринок, гумошта, далол) ба муссисаи тиббӣ ва ташкилоти фарматсевтӣ аз рӯи ҳисобҳои пешниҳоднамудаи онҳо, амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Барои гирифтани хизматрасониҳои дар Барнома пешбинишуда суғурташуда метавонад бо розигии пешакии (шифоҳӣ ва ё хаттӣ) суғуртакунанда ба ҳар кадом муассисаи тиббӣ ва ё ташкилоти дорухонавӣ (ва ё дигар) муроҷиат намояд ва мустақилона арзиши хизматрасониҳои тиббии дар Барнома пешбинишуда, инчунин табобати санаторӣ-курортӣ бо роҳи гирифтани роҳхати санаторӣ-курортӣ бевосита аз муассисаи санаторӣ-курортӣ ва ё иттиҳодияи санаторӣ-курортӣ ва ё агентии санаторӣ-курортӣ, пардохт намояд, агар дар шартномаи тарафҳо чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад.

12.3. Ҳангоми зарурат суғурташуда дар муддати муҳлати амали шартномаи суғурта ҳуқуқ дорад ба суғуртакунанда барои гирифтани маълумотҳои зарурӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои худ аз рӯи шартнома, муроҷиат намояд.

12.4. Бо созиши тарафайн аз ҷониби шартномаи суғурта метавонад франшиза пешбинӣ шуда бошад.

12.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пардохти суғуртавиро (пардохти арзиши хизматраосниҳои тиббӣ) дар асоси чунин усулҳое, ки муассисаҳои тиббӣ ҳуқуқи истифодаашонро доранд, амалӣ намояд, агар дар шартномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад:

12.5.1. барои хизматрасониҳои ҷудогона, содда, мураккаб ва ё хизматрасониҳои маҷмӯӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагӣ, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ пешниҳод гардида, бо пешниҳоди хизматрасониҳои пешниҳодгашта, алоқаманд мебошанд;

12.5.2. аз рӯи меъёри сарикасӣ барои хизматрасонии маҷмӯии бетанаффус ва давомдор, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ ба суғурташуда дар муддати муайяни вақт пешниҳод карда мешавад;

12.5.3. дигар усулҳои аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дигар ташкилотҳо пешниҳодшуда.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ҷуброни суғуртавӣ пас аз он, ки суғурташаванда (фоидагиранда) мутобиқи шартҳои шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии суғурташаванда (фоидагиранда) оид ба ҷуброни зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва ҳисобу китоби зарарҳоро ба суғуртакунанда пешниҳод мекунад, пардохт мегардад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Аз рӯи Қоидаи мазкур чунин ҳодисаҳо, ҳодисаҳои суғуртавӣ ба ҳисоб намераванд:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– аз ҷониби муассисаи тиббие, ки дар шартномаи суғурта / Барнома ишора нагаштааст ва пешакӣ бо суғуртакунанда мувофиқа нашудааст, расонидани хизмарасонии тиббӣ ба суғурташуда;

– хизматрасониҳои аз ҳаҷми хизматрасониҳои тиббӣ зиёд, ки дар Барнома ва ё шартномаи суғурта ишора гаштааст;

– ҳодисае, ки аз ҷониби суғуртакунанда тибқи Барнома ва ё шартномаи суғурта ҳодисаи суғуртавӣ эътироф нагаштааст, пардохт намешавад;

– марг ва ё зарар ба саломатии суғурташуда (фоидагиранда) дар алоқамандӣ бо мастӣ ва ё зери таъсири маводи мухаддир ва ё токсикии суғурташуда бавуқуъомада;

– дар алоқамандӣ бо гирифтани зарари ҷароҳатӣ ва ё дигар иллати ҷимонӣ, ки дар натиҷаи амали барқасдонаи суғурташуда ба миён омадааст;

– дар алоқамандӣ бо қасди худкушӣ намудани суғурташуда;

– дар алоқамандӣ бо расонидани зарари барқасдонаи ҷисмонии суғурташуда.

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Дар шартномаи суғуртавӣ франшизаи (шартӣ, ғайришартӣ, муҳлатнок) пешбинӣ шуда метавонад.

15.2. Франшиза ин тибқи шартҳои суғуртакунӣ озод гардидани суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ аз қисми муайяни зарари ба суғурташаванда расида, ки бо суғурташаванда мувофиқа гардидааст, фаҳмида мешавад.

15.3. Дар франшизаи шартӣ суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад, дар акси ҳол ҷавобгарии суғуртакунанда пурра барои ҳадди ниҳоии муқарраргардидаи франшиза низ татбиқ мегардад.

15.4. Дар франшизаи ғайришартӣ, агар зарар аз ҳаҷми муқарраркардаи франшиза кам ё ба он баробар бошад, ҷавобгарии суғуртакунанда ба вуҷуд намеояд, дар акси ҳол бошад ҷавобгарии суғуртакунанда аз ҳади ниҳоии муқарраркардаи франшиза, оғоз мегардад.

15.5. Дар франшизаи муҳлатнок ҷавобгарии суғуртакунанда оид ба пардохти суғуртавӣ пас аз гузаштани муҳлати франшиза, ки дар шартномаи тарафҳо пешбинӣ гардидааст, оғоз мегардад.

15.6. Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

## 16. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

16.1. Баҳсҳои аз шартномаи суғурта ба миёномада бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Ҳангоми ба даст наомадани созиш баҳс

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

барои баррасӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод карда мешавад, агар дигар ҳолат дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT